Бо матни офертаи оммавии мазкур бодиққат шинос шавед ва, агар Шумо бо ягон банди оферта розӣ набошед ва ё ягон банди он ба Шумо нофаҳмо бошад, пешниҳод менамоем, ки аз истифодабарии хизматрасониҳо даст кашед ва ё маълумоти ба Шумо лозимаро аз хадамоти иттилоотӣ тавассути телефон аниқ намоед: +992 44 640 55 48

ОФЕРТАИ ОММАВӢ

оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таъмини ҳамкории иттилоотӣ ва технологӣ байни иштирокчиёни ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи терминали худкори худхизматрасон

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Мутобиқи моддаи 467-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати мазкур офертаи оммавӣ (минбаъд – "Оферта") мебошад.

1.2. Оферта ҳама шартҳои назарраси шартномаи оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таъмини ҳамкории иттилоотӣ ва технологӣ байни иштирокчиёни ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи терминали худкори худхизматрасон (минбаъд "ТХХ")-ро дар бар мегирад ва иродаи Таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ (минбаъд – "ТХП")-ро барои бастани шартнома дар шартҳои зикргардида бо ҳар шахсе, ки шартҳои мазкурро қабул мекунад (минбаъд "Мизоҷ") баён менамояд.

1.3. Хизматрасониҳои таъмини ҳамкории иттилоотӣ ва технологӣ байни иштирокчиёни ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи ТХХ (минбаъд – "Хизматрасониҳо") зерин мебошанд:

- пешниҳод намудани ба Мизоҷ имконияти интихоб намудани оператор аз рӯйхати иштирокчиёни ҳисоббаробаркунӣ;
- пешниҳод намудани ба Мизоҷ дастурамали осонфаҳм, муносиб ва дастрас оид ба истифодабарии ТХХ;
- таъмин намудани гирифтани аз Мизоҷ ҳамаи маълумотҳои зарурӣ барои анҷомдиҳии ҳисоббаробаркунӣ бо Оператор;
- таъмин намудани интиқоли маълумоти зикршуда ба оператор дар муҳлати кӯтоҳтарин, ки ба имкониятҳои техникии таҷҳизоти истифодашаванда ва шабакаҳои берунаи интиқоли иттилооти аз ҷониби ТХП истидашаванда вобастагӣ дорад;
- ёрӣ расонидан ба Мизоҷ ҳангоми коркарди маълумоти зикршуда аз ҷониби Оператор;
- пешниҳод намудани ба Мизоҷ тасдиқоти ҳуҷҷатии амалиётҳои анҷомдодашуда дар шакли чеки хазинавӣ (дар намуди электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми гирифтани розигии Мизоҷ);
- ба Мизоҷ кӯмак расонидан дар бартарафсозии оқибатҳои амалҳои нодурусти Мизоҷ ҳангоми истифодаи ТХХ.

1.4. Бо қабули ин оферта Мизоҷ ба қабули смс паёмакҳои рекламавии Оператор дар рақами дар терминали худкор пешниҳоднамуда розигии дода ба Оператор ҳуқуқ медиҳад, ки ба ӯ занг зада хизматрасониҳои худро пешниҳод намояд.

2. АМАЛҲОИ МИЗОҶ

2.1. Амалҳои Мизоҷ доир ба истифодаи ТХХ барои анҷомдиҳии ҳисоббаробаркунӣ бо Оператор дар асоси мушаххасоти аз ҷониби Мизоҷ пешниҳодшуда ҳамчун аксепти пурра ва бечунучарои офертаи ТХП тариқи иҷрои амалҳои натиҷадиҳанда (конклюдентӣ) тибқи моддаи 470-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Ҳар як воқеияти анҷомдиҳии ҳисоббаробаркунӣ бо истифода аз ТХХ амалиёти алоҳида бо ТХП мебошад, ки бо шартҳои дар оферта зикршуда амалӣ мегардад.

2.2. Мизоҷ ўҳдадор мебошад, ки дастурамали оид ба истифодаи ТХХ-ро аз худ намуда, риоя намояд. Анҷомдиҳии аз ҷониби Мизоҷ амалҳои бо дастурамал пешбининагардида барои пайдоиши ўҳдадориҳои ТХП оид ба пешниҳоди Хизматрасониҳо асос шуда наметавонад. Дар ҳолати норозӣ будан бо шартҳои офертаи мазкур ва ё нафаҳмидани талаботҳои дастурамал, Мизоҷ ҳақ надорад ТХХ-ро барои иҷрои ҳама гуна амалиёти ҳам пешбинигардида ва ҳам пешбининагардидаи дастурамал истифода барад.

2.3. Мизоҷ ўҳдадор аст, чеки хазинавии (дар намуди электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми гирифтани розигии Мизоҷ) оид ба пешниҳоди Хизматрасониҳоро, ки бо ТХХ дода шудааст, то худи гирифтани маълумот аз Оператор оид ба қабули ҳисоббаробаркунӣ барои иҷро нигоҳ дорад.

3. АРЗИШИ ХИЗМАТРАСОНИҲО

3.1. Арзиши Хизматрасониҳо бо таносуби ҳаққи хизмати устувор аз маблағи ҳисоббаробаркуниҳои Мизоҷ бо Оператор аз ҷониби ТХП муайян карда мешавад, ва ҳангоми истифодаи ТХХ то лаҳзаи қабули аз ҷониби Мизоҷ қарор оид ба анҷомдиҳии ҳисоббаробаркунӣ ба Мизоҷ эълон карда мешавад.

3.2. Пардохти Хизматрасониҳо бо нигоҳ доштани аз ҷониби ТХП арзиши Хизматрасониҳо аз маблағи ба ТХХ воридгардида ҳангоми тасдиқи ҳисоббаробаркуниҳо амалӣ карда мешавад.

3.3. Воқеияти анҷомдиҳӣ ва пардохти Хизматрасониҳо бо додани чеки хазинавӣ (дар намуди электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми гирифтани розигии Мизоҷ) оид ба пешниҳоди Хизматрасониҳо тасдиқ карда мешавад.

4. ШАРТҲОИ МАХСУС

4.1. ТХП ҳуқуқ дорад, дар сурати набудани имконияти технологӣ барои ҳамкорӣ намудан байни иштирокчиёни ҳисоббаробаркунӣ, пешниҳоди Хизматрасониҳоро муваққатан қатъ намояд.

4.2. Барои зарари бевосита ё ғайримустақим, ки дар натиҷаи истифодаи ТХХ ба Мизоҷ расонида шудааст, ТХП ҷавобгар нест. ТХП барои қатъшавиҳои пешниҳоди Хизматрасониҳо дар ҳолати вайрониҳои таъминоти барномавӣ ва ё таҷҳизоте, ки ба ТХП тааллуқ надоранд, ҷавобгар нест. ТХП барои пурра ё қисман қатъшавиҳои пешниҳоди Хизматрасониҳо вобаста ба иваз намудани таҷҳизот, таъминоти барномавӣ ва ё гузаронидани дигар корҳое, ки аз зарурияти нигоҳдории коршоямӣ ва навкунии таъминоти барномавӣ ва/ё дастгоҳӣ бармеоянд, ҷавобгар нест.

4.3. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ба ТХП дар шакли хаттӣ эътирозҳо оид ба сифат ва муҳлати пешниҳоди Хизматрасониҳоро на дертар аз се рӯз аз санаи гирифтани чеки хазинавӣ (дар намуди электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми гирифтани розигии Мизоҷ) оид ба пешниҳоди Хизматрасониҳо пешниҳод намояд. Мӯҳлати баррасии эътирозҳо на бештар аз 30 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад.

4.4. Шартҳои пешниҳоди Хизматрасониҳо аз ҷониби ТХП метавонанд тағйир дода шаванд ва пеш аз лаҳзаи анҷомдиҳӣ ва пардохти Хизматрасониҳо ба маълумоти Мизоҷ расонида мешаванд.

5. НОМ, ҶОЙГИРШАВӢ ВА МУШАХХАСОТИ БОНКИИ ТХП:

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо”;
РМА 020026755;
РМБ 0210000322;
Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон силсилаи БМТ №0000077 аз 24.05.2017 сол
Суроғa (маҳалли ҷойгиршавӣ): Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 148/1
Телефони хадамоти иттилоотӣ: +992 44 640 55 48